


Пойгоҳи иттилоърасонӣ дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло


بسم الله الرحمن الرحیم

Мавзӯъи мақола:

Ошуроиён

Нависандаи мақола:

Муҳаммад Ҳусейн Ҷам

Тавaққуҳ: Дидгоҳи дарҷ шуда дидгоҳи ирсолии яке аз корбарон аст ва лузуман дидгоҳи ин дафтар маҳсуб намешавад.

Ошуроиён



Бори дигар муҳаррамул ҳаром, ин моҳи фидокори ва озодагӣ ва шаҳодат аз роҳ расид; Моҳе ки дар он ҳокимони ҷоъир ва тавоғити фосид ва мунҳариф, зулмӣ азим карданд ва фасодӣ кабир барангехтанд; Моҳе ки дар он мунофиқон ва фитнаангезон бо ҷиноятӣ ҳувлнок дар ҳаққи аҳли байти Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам, ҷаҳони Исломро ба сувг нишонданд ва дар сарошебӣ сукут ва инҳитотии торихӣ қарор доданд; Моҳе ки дар он Ҳусейн ибни Алӣ алайҳи салом, ин фарзанди Ислом ва дурдонаи набувват ва меваи рисолат, мазлумона ба шаҳодат расид ва ба ҳамроҳи ӯ, бисёрӣ аз арзишҳои ахлоқӣ ва инсонӣ шаҳид шуд; Моҳе ки дар он солеҳон ва озодагон ва родмардон яке пас аз дигарӣ дар хуни хеш ғалтиданд ва шарурону фурумоягон бар

аҷсоди мутаҳҳарашон асб давонданд ва пойкӯбӣ карданд; Моҳе ки дар он авлоди Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ва гурӯҳе аз хонадону вобастагон ба байти рафиъи рисолатро ба асорат бурданд ва дар ҳаққи онон ҷафоҳои бисёр карданд.

Оре, борӣ дигар муҳаррамул ҳаром аз роҳ расид, аммо ба назар мерасад ҳар чи муҳаррамҳои бештареро пушти сар мегузорем, мусалмонон бештар аз ҳақиқати фоҷеъаи Карбало ва паёми меҳварӣ ва руҳи ҳоким бар он фосила мегиранд; Чунонки рафта рафта зовеяи дид ва навъи нигариши ғолиби онон дар иртибот бо ончи дар ошурои соли 61 ҳиҷрӣ рух додааст, дучори кажи ва инҳирофи бештаре мешаванд. Гӯйи онон фаромӯш кардаанд ки дар ин моҳи ҳаром дақиқан чи иттифоқе афтода ва асосан аз ёд бурдаанд ки чаро чунин фоҷиъаи азиме бо ин абъоди васеъ ва ҳувлнок ба вуқуъ пайвастааст! Дигар бисёрӣ аз онон ба Карбало танҳо ба унвони як рӯйдоди торихӣ менигаранд ки ёдоварии он фоидаӣ чандоне надорад ва сирфан набши қабри торих аст ва бисёрӣ дигар онро ба унвони як муносибати динӣ такрорӣ ё маросими маъмули мазҳабӣ ки ҳар сол бояд аз боби одат иҷро шавад, дар назар мегиранд ва ҷуз андаке ба заминаҳо, иллатҳо, ангезаҳо ва аз ҳама муҳимтар мабонии фикрӣ ва хатти инқилобии Ҳусейн ибни Алӣ алайҳи салом таваҷҷуҳ надоранд.

Ин ба маънои он аст ки имрӯз ду ҷараёни фикрӣ дар ҷаҳони Ислом ба чашм мехурад; Ҷараёне ки бештар дар миёни аҳли суннат ва бо гаройишҳои салафӣ ва ваҳобӣ вуҷуд дорад ва воқеъаи Карбалоро сирфан як воқеъаи талх ва таъассуфбор мебинад ки дар асари иқдоми ғайри қобили дарк ва ғайри қобили тавҷиҳи имом Ҳусейн барои қиём бар зидди ҳукумати Умавӣ иттифоқ афтод; Иқдоме ки ҳатто аз сӯӣ бархӣ аз саҳобаи Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам монанди Абдуллоҳ ибни Умар мавриди наҳӣ қарор гирифт (!) ва ҷараёнӣ дигар ки бештар дар миёни аҳли ташаюъ вуҷуд дорад ва воқеъаи ошуроро сирфан воқеъаи ҷонгудоз ва мусибатбор мебинад ки бояд бо шӯру ҳаяҷон ва ҳарорати ҳар чи бештар хусусан дар 10 рӯзи ибтидои муҳаррам ва низ дар рӯзи арбаъини Ҳусейнӣ, барои он сувгворӣ намуд ва аз бидъатҳо ва хурофот ва мункароти

гуногун дар пайванд бо он боке ба худ роҳ надод.

Рӯшан аст ки ин ҳар ду ҷараён, ҷараёнӣ инҳирофӣ ва нодуруст маҳсуб мешавад; Ба ин тартиб ки аз як сӯ нигариши гурӯҳӣ аз аҳли суннат дар бораи наҳзати Ҳусейнӣ ва иқдоми саҳиҳ, зарурӣ ва инқилобӣ Ҳусейн ибни Алӣ алайҳи салом, ҳамроҳ бо беинсофӣ ва бемаърифатӣ аст; Зеро онон ба ҷои интиқод аз барҳӣ саҳобаи киром ки он Ҳазратро ёрӣ накарданд ва бо ӯ ки худ аз афозили саҳоба ва низ аз аъимаи аҳли байт буд, ҳамроҳ нашуданд, мавзӯъӣ дарднок, мутаноқиз ва <<Каҷ дору мариз>> ихтиёр мекунанд ва чи басо салолаи Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ва саййиди ҷавонони аҳли биҳиштро ба ҳаракатӣ ҳисобнашуда ва аҷулона муттаҳам менамоянд; Ғофил аз онки адами ёрии он Ҳазрат ва худдорӣ аз ҳамроҳӣ бо ӯ танҳо метавонад ба маънои тақсир ё қусури ин идда аз саҳобаи киром шумурда шавад ки суфоришҳои фаровони Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам дар бораи итрат ва аҳли байташро аз ёд бурданд ва муроъот накарданд; Хусусан касоне аз онон ки бидуни эътино ба мабнои хилофат дар Ислом ва бар хилофи назари Ҳусей ибни Алӣ алайҳи салом ва соири саҳобаи киром, ошкор Язидро <<Имоми мусалмонон>> медонистанд ва иттифоқан дар эътироз ба касоне монанди Абдуллоҳ ибни Мутиъ ки баъдҳо ба ҳаракати Абдуллоҳ ибни Зубайр пайваст ва алайҳи Язид шӯриш намуд, мегуфтанд; <<Аз Расули Худо шунидам ки фармуд: <Ҳар кас аз тоъаити (ҳоким) даст бардорад, рӯзи қиёмат Худовандро мулоқот хоҳад кард, дар ҳоле ки ҳуҷҷате надорад ва ҳар кас бимирад дар ҳоле ки байъате бар ӯҳдаи ӯ набошад, ба марги ҷоҳилият мурдааст>>>,[1] дар ҳоле ки ҳамин идда аз байъат бо Алӣ ибни Абӣ Толиб дар замони хилофаташ худдорӣ намуданд ва даст аз тоъати он халифаи рошид бардоштанд ва баъдҳо бо камоли таъассуф ба шакли хиффатбор ва залилонае бо Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуфи сақафӣ ки саффокӣ хунрез ва ҷабборӣ бераҳм буд байъат намуданд, то бо ин шева адами садоқат

1 . Саҳеҳул Муслом, ҷ6, с22. Ҳамчунонки Абдуллоҳ ибни Умар фарзандони худро фарохонд ва сариҳан аз онон хост ки Язидро таҳти ҳеҷ унвон халъ накунанд ва таҳдидашон намуд ки агар касе ин корро бикунад миёни ӯ ва онон шамшер хоҳад буд; Чароки ин корро мисдоқи найранг ва паймоншиканӣ медонист! Барои ин мавзӯъ нигоҳ кунед ба: Муснади Ибни Ҳанбал, ҷ 2, с 412, ҳ 5713 ва с 304, ҳ 5088; Ал-Табақотул Кубро, ҷ 4, с 183.

ва нодурустии дидгоҳҳои худро барои ояндагон ошкор созанд![1] Аз сӯй дигар нигарши ғолиби аҳли ташаюъ ки ҳамвора иддаъои иродат ва маърифати бештаре ба аҳли байт доштаанд, оканда аз сатҳинигарӣ, хурофагароӣ, гаройишҳои ғулувомез ва рӯйкардҳои эҳсосӣ ва авомона аст ва дар натиҷа ёдвораи Карбало ва солрӯзи шаҳодати Ҳусейн ибни Алӣ ва ёронаш дар миёни онон, бо оғози моҳи муҳаррам шурӯъ ва бо поёни даҳаи ибтидоии он ба итмом мерасад ва бадтар онки дар ҳамин як даҳа, сатҳитарин бардошт ва қишритарин бардошт ва омиёнатарин ривят аз қиёми имом Ҳусейн ва наҳзати Карбало ироъа мешавад.

Бинобарин, ошкор аст ки ғафлат аз гуфтумони асили Карбало ва паёмҳои ислоҳӣ ва созандаи он ихтисос ба як гурӯҳ аз мусалмонон надорад, бал инсоф он аст ки шиъа ва суннӣ ҳар ду аз дарсҳои ошуро ғофил шудаанд ва ба қироъати мазоҳиби худ аз он басанда кардаанд ва ҷуз таблиғ ва тарвиҷи ҳамон, ба чизи дигаре намепардозанд. Ин ба масобаи як занги хатари ҷиддӣ ва ҳокӣ аз фаромӯшии амиқ ва нигарон кунандаи паёми аслӣ Карбало ва низ тадовуми мазлумият ва ғурбати Ҳусейн ибни Алӣ алайҳи салом дар имтидои торих аст.

Ҳамин нисёни амиқ ва бегонагии аҷиби мусалмонон бо ормонҳо ва омӯзаҳои наҳзати Ҳусейн ибни Алӣ аст ки дар ин даврони пур фитна балои ҷонашон шуда ва фаҷойеъӣ тозаро ба бор овардааст; Чароки имрӯз низ ҳамонанди дирӯз, Язидиёни мунофиқ ба унвони ҳокимони мусалмон бар ҷаҳони Ислом сайтара ёфтаанд ва <<Абдуллоҳ ибни Зиёдҳо>> ва <<Шимрҳо>> ва <<Умари Саъдҳо>> ва <<Хувлиҳо>> ва <<Ҳармалаҳо>> ва ... ба унвони коргузорон ва волиён ва сарбозони онон шаҷараи хабисаи тоғутро

1 . Дар торих нақл шудааст ки Абдуллоҳ ибни Умар аз хавфи онки як шабро бидуни байъат бо имоми муслимин сар бар болин бигзорад ё шояд ҳам аз хавфи ҷонаш, шабона худро ба хонаи Ҳаҷҷоҷ расонд то аз тариқи ӯ бо Абдулмолик ибни Марвон байъат кунад. Ҳаҷҷоҷ ҳам дар он соъат истироҳат мекард бо ҳолатӣ таҳқиромез пои худро барои байъат пеш оварда ва ба Абдуллоҳ гуфт ки бо пояш байъат кунад! Барои ин мавзӯъ нигоҳ кунед ба: Ибни Абил Ҳадид, Шарҳи Наҳҷул Балоға, ҷ13, с242; Қомусул Риҷол, Ал-Шайх Муҳаммадтақии Шуштарӣ, Муъассисатул нашру Исломӣ, ҷ6, с541; Ал-Табақотул Кубро, ҷ 4, с 149; Ал-Истеъоб, ҷ 3, с 472, Ал-рақам 2464; Дар китоби Ал-Фаслул Мухтора, с 245 дар идомаи ҳадис, чунин омадааст: Ҳаҷҷоҷ ба вай гуфт: Дирӯз аз байъат бо Алӣ сар боз задӣ бо инки худ ин ҳадисро [дар бораи зарурат ва фаврияти байъат бо имоми муслимин] ривоят кардаи ва инки назди ман омадаи то бо Абдулмалик бароят байъат бигирам?! Дастонам машғул аст. Ин пои ман аст, бо он байъат намо!

обёрӣ мекунанд. Имрӯз варсаи шуми Оли Умая ва фарзандони наҳси Оли Аббос камокон бар сарзаминҳои Исломӣ чанбара задаанд ва бо иқтидо ба сираи аслофи носолеҳи хеш ҳукмронӣ мекунанд. Ҳеҷ тардиде нест ки ин ҳаймана ва истилои нафратангез ҷуз дар сояи фурумоягӣ ва зиллати мусалмонон эҷод нашудааст; Чароки мусалмонон ба ҷуз ҳамроҳӣ бо аъиммаи ҳидоят ва ҳимоят аз хулафои мансуби Илоҳӣ, бо улгубардории номаймун аз рафтори Куфиён ва Шомиён ба иъонат залама ва таъовун бар исм ва удвон рӯй овардаанд ва дақиқан ҳамон улгу ва рӯйкардеро дар пеш гирифтаанд ки дар ҳудуди 1370 соли қабл, фоҷеъаи Карбалоро ба вуҷуд овард ва Исломро ба маслах бурд; Чунонки агар дар он замон, лашкари Шомиён ва сиёҳилашкари Куфиён, ба ҷои Ҳусейн Язидро ёрӣ карданд, имрӯз мусалмонон ба ҷои ҳимоят аз охарин халифаи рошид ва <<Маҳдии>> Расули Худо, аз ҳокимони номашруъи хеш пуштибонӣ мекунанд ва нидои ҳимоят ва пуштибонӣ аз тавоғитро сар медиҳанд! Ин рафтори мусалмонон дақиқан такрори ҳувлнок ва истимрори ҳамон хиёнати торихӣ дар ҳаққи Ҳусейн ибни Алӣ аст ва ба вузуҳ нишон медиҳад ки мусалмонон аз он рӯз то кунун тағйири чандоне накардаанд ва ҳанӯз аз ошуро ибрат нагирифтаанд. Мусалмонон, имрӯз дар ҳоле Куфиёнро лаънат мекунанд ва Шомиёнро дашном медиҳанд ки худ ба роҳи онон раҳсипоранд ва по бар ҷои пои онон мегузоранд! Чунонки ҷабҳаи Шом ва ҷараёни Умавӣ ки дар бахши аъзиме аз торихӣ Ислом, ҳамвора ҳукуматро дар ихтиёр доштааст, имрӯз низ бо номҳо ва ниқобҳои мухталиф ҳукуматро дар Арабистон, Урдун, Аморот, Қатар, Кувейт, Баҳрейн ва бархӣ дигар аз кишварҳои ҳампаймон дар қабзаи қудрати хеш гирифтааст ва дақиқан ҳамон хатти машӣ Язидиро дунбол мекунад. Ҷабҳаи Куфа низ ки ҳамеша муддаии муҳаббат ва иродат ба аҳли байти тоҳирин ва албатта маҳрум аз ҳукумат буда, муддате аст ки дар кишварҳое монанди Эрон ва то ҳадде Ироқ ба ҳукумат даст ёфта ва ширинии қудратро чашидааст ва бо сӯъи истифода аз имконоти таблиғотӣ ва расонаи хеш ба эҷоди инҳирофоти густарда дар гуфтумони аҳли байт алайҳиму салом ва халқи бидъатҳои ошкор дар он иқдом намудааст; Иқдоме ки бетардид на хидмате ба Оли Расул, балки хиёнат ва ҷафоӣ азим дар ҳаққи он имомон

Ошуроиён

ҳидоят аст. Ин <<أشباه الرجال و لا رجال>> ақабаи ҳамон Куфиён ҳастанд ки даст дар дасти золимон ва по дар рикоби тавоғит, барои Ҳусейн ва масоъибаш ашк мерехтанд (!); Ҳамон фурумоягони мунфаъил ва бевафое ки бо шамшерҳоӣ бараҳна ва аз ниёми баркашида қасди ҷони Ҳусейн карданд, аммо дар айни ҳол забонҳояшон дар лофи газзоф ва ибрози иродат ба Ҳусейн аз ҳама дарозтар ва чашмонашон аз фарти шайдоӣ нисбат ба ӯ хунин ва ашкбор буд! Хусусан ҷабҳаи Куфа, ҳам дар он замон ва ҳар имрӯз ин будааст ки худро дар ҷабҳаи аҳли байт ва ҳомии онон мешуморанд, аммо дар амал бо кӯтоҳиҳо, содалавҳиҳо, худсариҳо ва ҷоҳталабиҳои худ, хун ба дили аҳли байт мекунанд ва ханҷари масмумеро дар пушти онон фуру менамоянд ки ҳеҷ душманеро ёрои фуру кардани он нест! Лизо ба қавли Фараздақ, дилҳои Куфимаслакон бо аҳли байт аммо шамшерҳояшон алайҳи онон аст![1]

Аз инҷо дониста мешавад вежагии бориз ва қадри муштараки ду ҷабҳаи Шом ва Куфа ки ононро дар Карбало ба ҳам пайванд дод, иқдом алайҳи аҳли байти Расули Худо ва танҳо гузоштани Ҳусейн ибни Алӣ ба унвони халифаи Худованд дар замин буд. Имрӯз низ сардамдорон ва гардонандагони аслии ин ду ҷабҳа, ҳанӯз эътилофи нонавиштаи хешро ҳифз кардаанд ва аз онҷо ки ҳар ду иқтидоргаро ва хоҳони ҳифзи қудрати хеш ҳастанд, на танҳо тамоюле барои талаб, ҳимоят ва иъонати халифаи Худованд дар замин, ҳазрати Маҳдӣ алайҳи салом надорад, балки дигар собит намудаанд ки агар ӯ имрӯз биёяд ва талош кунад то ҳукуматро аз ноаҳлон биситонад ва ба масири саҳиҳ ва марзии Худованд бозгардонад, бо ӯ ҳамон кореро мекунанд ки бо Ҳусейн карданд. Лизо метавон гуфт ваҷҳи муштараки ин ду ҷараён дар ҳоли ҳозир, душманӣ бо намояндаи феълии аҳли байти Расули Худо ва талош барои боздоштани ӯ аз расидан ба қудрат аст ва дар ин миён ағлаби мардум хоста ё нохоста ҳомии яке аз ин ду ҷараён ҳастанд; Шомӣ ё Куфӣ!

Дар ин миён, бо таваҷҷуҳ ба истиқсо ва таҳқиқи ҷомеъи соҳиби ин қалам, танҳо ҳаракате ки дар ҷаҳони Ислом ба таври ҷиддӣ ва воқеъӣ аз аҳли байти Расули Худо ҳимоят мекунад ва ба шакли

1 . Қулубуҳум маъак ва суюфиҳим алайк

муъассир ва мабноӣ ба сӯӣ халифаи Худованд дар замин имом Маҳдӣ алайҳи салом даъват менамояд, як ҷараёни Исломии асил ва мутамойиз таҳти унвони <<Наҳзати Бозгашт ба Ислом>> аст ки дар ҳоли фаъолияти мустамар ва даъвати фарогир дар ҷаҳони Ислом мебошад. Нависандаи ин сутур муддати як солу анде аст ки тавфиқи ошноӣ бо ин ҳаракати муборакро пайдо кардам ва бо иноят ба баррасиҳои моҳувӣ ва татбиқӣ фаровоне ки дар ин ҳавза анҷом дода, ба ин натиҷа расидааст ки ин ҳаракати Исломӣ дар ҳоли рӯшангарӣ ва танвири афкори умумӣ ҳавли мавзӯъи имом Маҳдӣ алайҳи салом ва низ таърифу ташкили ҷабҳаи севвуме барои муқобила бо ҷабҳаи Шом ва ҷабҳаи Куфа аст то аз ин раҳгузар муқаддамоти зуҳури имом Маҳдӣ алайҳи саломро фароҳм оварад; Ҷабҳае ки метавон онро <<Ҷабҳаи вафодорон ба Ҳусейн ибни Алӣ>> ном ниҳод.

Раҳбарӣ ва ҳидояти ин ҷараёни мубораки Исломӣ бо олими фарзона ва муъаллими гаронмоя ҳазарти Мансури Ҳошимии Хуросонӣ (домат баракоту) аст. Эшон ҳамвора ва ба анҳоъи мухталиф таъкид намудааст ки мусалмонон муваззаф ба ҳимоят аз Маҳдӣ ва заминасозӣ барои зуҳури ӯ аз тариқи гирдиҳамойи ва ташкили як иттилоф ва ҳизби мардумии азим барои талаб, ҳимоят ва ҳифозат аз он Ҳазрат ҳастанд. Эшон мӯътақид аст ки мусалмонон ба ҷои ёрии ин ва он ва пуштибонӣ аз ҳокимони кунунӣ агар аз халифаи Худованд ҳимоят карда буданд, ӯ имрӯз дар маснади ҳукумат ва дар ҷойгоҳи хеш буд, аммо онон бо ин баҳона ки Маҳдӣ дар дастраси онон нест ва бо ин таваҳҳум ки наметавон аз ӯ ҳимоят намуд, ӯро раҳо карданд ва ба ҳокимонӣ дигар рӯй оварданд ки он ҳокимон, мардумро аз Маҳдӣ бениёз тавонад кард! Ин олими сиддиқ ва вафодор, дар китоби вазини <<Бозгашт ба Ислом>> ки ба ҳақ ёдоварӣ кунандаи Исломи ноби Муҳаммадӣ аст, зарурати заминасозӣ барои зуҳури Маҳдиро ин гуна табйин мефармояд:

> <<Иқомаи Ислом ба сурати комил ва холис, дар гарави зуҳури Маҳдӣ аст ва зуҳури Маҳдӣ, дар гарави адами вуҷуди монеъ барои он аст ва монеъ барои он чизе аст ки мардум онро эҷод кардаанд ва табъан ба рафъи он қодиранд ва бо

ин васф, баҳсе дар вуҷуби рафъи он бар онон нест ва мурод аз монеъи зуҳури Маҳдӣ, ҳар чизе аст ки бо истелоъи ӯ бар замин мунофот дорад, монанди фиқдони нафар, мол ва салоҳи кофӣ ва ҷомеъи он, адами ҳимояти кофии мардум аз ӯст ки манбаъи таъмини нафар, мол ва силоҳ шумурда мешаванд; Бо таваҷҷуҳ ба инки нафар, мол ва силоҳи кофӣ барои таъсиси ҳукумати ӯ, балки таъмини амнияти ӯ лозим аст; Чароки ба гувоҳии ҳис ва таҷриба, истелоъи касе бар замин бидуни ҳимояти кофии мардум аз ӯ бо таъмини нафар, мол ва силоҳи кофӣ барояш, имкон надорад ва рӯшан аст ки Маҳдӣ аз ин қоъидаи маҳсус ва муҷарраб, мустасно нест. Бинобарин, зуҳури Маҳдӣ, дар гарави ҳимояти кофии мардум аз ӯст ва ҳар замоне ки ин ҳимояти кофии мардум аз ӯ муҳаққақ шавад, ҳамон замон зуҳури ӯст ва рӯшан аст ки ҳимояти кофии мардум аз ӯ, коре дар ҳавзаи ихтиёри онон аст ва барои онон мутаъораф ва майсур шумурда мешавад ва фавқулъода ва мутаъаззир нест; Ҳамчунонки борҳо назири онро барои ғайри Маҳдӣ анҷом додаанд ва ба василаи он, ҳукуматҳои дигаронро рӯй кор овардаанд.>>[1]

Ҳамчунин дар ростои табйини дақиқтар чигунагии заминасозӣ барои зуҳури Маҳдӣ ва ташриҳи иқомаи амалӣ барои он мефармояд:

<<Аммо мурод аз ҳимояти кофии мардум аз Маҳдӣ низ, талаб, иъонат ва итоъати кофии онон аз ӯст; Ба ин маъно ки иддаи кофии аз мардум, толиби Маҳдӣ бошанд ва толиби ғайри ӯ набошанд; Бо таваҷҷуҳ ба инки одатан касе бидуни бархурдорӣ аз матлубияти кофӣ дар миёни мардум ба ҳукумат даст намеёбад ва агар ба он даст ёбад дар он боқӣ наемонад ва талаби ду ҳоким бо ҳам мумкин нест; Чароки ҷаҳон дар воқеъ иқлимӣ воҳид аст ва табъан ба ҳокимӣ воҳид эҳтиёҷ дорад ва ду ҳоким дар як иқлим намегунҷанд ва бо ин васф, талаби ҳар як, монеъ аз талаби дигарӣ хоҳад буд. Ҳамчунонки пас аз талаби кофии Маҳдӣ, иъонати кофии ӯ бар мардум воҷиб аст; Ба ин маъно ки

1 . Бозгашт ба Ислом, с290

иддаи кофӣ аз онон, муқаддамоти лозим барои дастрасӣ ба ӯ ва ҳокимияти ӯро фароҳам созанд ва муқаддамоти лозим барои дастрасӣ ба ӯ, вуҷуди иддаи кофӣ аз муҳофизони амин аст ки қодир ба ҳифозат аз саломатӣ ва озодии ӯ дар ҳийни дастрасии мардум ба ӯ бошанд; Чароки ҳаргоҳ ӯ ба сабаби бархурдорӣ аз чунин касоне, бар саломатӣ ва озодии худ эмин бошад, узре дар адами тамкини мардум аз дастрасӣ ба худ надорад, ҳар чанд қодир ба ташкили ҳукумат набошад ва муқаддамоти лозим барои ташкили ҳукумати ӯ, вуҷуди нафар, мол ва силоҳи кофӣ барои ӯст ки аз ноҳияи мардум қобили таъмин аст; Бо таваҷҷуҳ ба инки ҳукумате бидуни нафар, мол ва силоҳи кофӣ, ташкил намешавад ва агар ташкил шавад, боқӣ наемонад ва ҳукумати Маҳдӣ аз ин қоъида мустасно нест. Ҳамчунонки ҳифозат аз саломатӣ ва озодии ҳокимони дигар ва таъмини нафар, мол ва силоҳ барои онон, монеъ аз зуҳури Маҳдӣ аст; Чароки муҷиби тақвияти рақибони ӯ мешавад ва ҳифозат аз саломатӣ ва озодии ӯ ва таъмини нафар, мол ва силоҳ барои ӯро сахттар ва бефоида мекунад. Ҳамчуноки пас аз иъонати кофии мардум ба ӯ, итоъати кофии онон аз ӯ ва тарки итоъаташон аз ғайри ӯ, лозим аст; Чароки ҳукумати ӯ, чи пеш аз ташкил ва чи пас аз он, бидуни итоъат аз ӯ имкон намеёбад ва ба ғарази худ намерасад ва итоъат аз ғайри ӯ, ба маънои адами итоъат аз ӯст; Чароки итоъат аз ду ҳоким, ба тазод меанҷомад ва мумкин нест ва табъан итоъат аз яке, ба маънои адами итоъат аз дигарӣ аст.>>[1]

Инсоф он аст ки ин рӯшангариҳои илмӣ ва корбурдӣ дар мавриди заминаҳои сиёсӣ –иҷтимоъӣ, лавозими зарурӣ ва муқтазиёти табиъии зуҳури Маҳдӣ алайҳи салом то кунун бесобиқа будааст ва мо касеро намешиносем ки ин масъалаи хатирро бо ин ҷомъият ва бо чунин баёни ошкоре тавзиҳ дода бошад ва ҳаққи тазаккур ва таълими заминасозӣ барои зуҳурро бо ин умқ ва вусъат ба ҷо оварда бошад.

1 . Ҳамон, с294 ва 295

Ошуроиён

Ҳамчунин лозим ба зикр аст ки ин мавзеъи ҳазрати оқои Ҳошимии Хуросонӣ (идомаллоҳу тавфиқота), дақиқан хатти машӣ Карбало ва ҳамон чизе аст ки Муслим ибни Ақил ба хотираш ба шаҳодат расид ва имом Ҳусейн алайҳи салом дар ошуро ба дунболи таҳаққуқаш буд, аммо дӯстони нодони Куфӣ ва душманони донои Шомӣ нагузоштанд. Имом Ҳусейн алайҳи салом ба дунболи барқарории ҳокимияти халифаи Худованд дар замин буд то аз ин тариқ ҳукумат дар масир ва мавзеъи хеш қарор бигирад ва аз луси вуҷуди тавоғити золим ва фосид пок шавад. Ба назари он Ҳазрат, танҳо ва танҳо аз ин тариқ буд ки ҷаҳони Ислом сомон мегирифт ва аз ҷавру фасод ва инҳироф раҳойи меёфт; Ҳамчунонки имрӯз низ ба назари фарзанди ӯ ҷаноби оқоӣ Ҳошимии Хуросонӣ, танҳо роҳкори маъқул ва машрӯъ барои таҳаққуқи адолат ва саъодат дар ҷавомеъи Исломӣ, барқарории ҳокимияти халифаи Худованд дар замин ҳазари Маҳдӣ алайҳи салом аст. Лизо беҳтарин милок барои санҷиши мизони ҳаққоният ва садоқати ҷараёнҳо ва ҳаракатҳои Исломӣ дар замони ҳозир, даъвати онон ба сӯӣ Маҳдӣ ва заминасозишон барои зуҳури он ҳазрат аст. Ин дар ҳоле аст ки имрӯз умуми ҷараёнҳои Исломӣ ё мутаъаллиқ ба ҷабҳаи Шом ва ё вобаста ба ҷабҳаи Куфа ҳастанд ва барои тақвият ва тасбити ҳокимияти худ геребон медаранд. Ҳар чанд ҷараёнҳои дигаре ҳам дар ин сӯ он сӯ ҳастанд ки зоҳиран бар ҳеҷ як аз ду ҷабҳа гаройиш надоранд ва ба шеваи хаворичҷ амал мекунанд; Монанди ҷараёнҳои такфирӣ ва ҷиҳодӣ ки худ иддаъои хилофат доранд ё фирқаҳои инҳирофии вобаста ба муддаъиёни дуруғине ки худро имомонӣ маъсум ва мавъуд мешуморанд.

Оре, тардиде нест ки дар даврони кунунӣ танҳо касонеро метавон пайравони ростини Ҳусейн ибни Алӣ ва раҳравони наҳзати Карбало донист ки тобеқан наъле бенаъл дар ҳамон масири саҳиҳ ва асил ҳаракат мекунанд ва бидуни ҳеҷ иддаъои газзофе, танҳо барои барқарории ҳокимияти халифаи Худованд дар замин талош менамоянд ва ҳеҷ вобастагӣ ва алоқае ба тавоғит ва ҳокимони дигар надоранд. Инсоф он аст ки раҳпуёни <<Бозгашт ба Ислом>> ва заминасозони зуҳури имом Маҳдӣ алайҳи салом, таҳти раҳбарии ҳушмандона ва ҳакимонаи ҳазрати алломаи Хуросонӣ, танҳо мисдоқи айнии <<Ошуроиён>> ва раҳравони роҳи Карбало ва

пайравони имом Ҳусейн алайҳи салом ҳастанд, вале касоне ки зимни мухолифат бо онон, ба сӯи вилоят ва ҳукумати касе ҷуз имом Маҳдӣ алайҳи салом –ин Ҳусейни замон– фаро мехонанд, ҳар чанд иддаъояшон гӯши фалакро кар карда ва худро пайравони Ҳусейн ибни Алӣ ва <<Ошуроӣ>> мешиносанд, дар ҳақиқат ҳамон Куфиёни ду рӯ ва фиребкоранд ки дар дил бо аҳли байт ҳастанд ва дар амал ба Шомиён пайвастаанд ва дар ҷабҳаи Язидиён қарор гирифтаанд ва бо ин васф, ҳеҷ баҳрае аз ошурои Ҳусейнӣ надоранд ва бо фарҳанги Карбало бегонаанд.



* Лутфан бар рӯй линки мавриди назари худ клик кунед.
Линки мақолаи бало
Саҳифаи фесбуки пойгоҳ
Саҳифаи гуголлюси пойгоҳ
Саҳифаи канали телегроми пойгоҳ